# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир дар мавзуи “Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ**

Омӯзиш ва таҳқику интишори адабиёти гуфории тоҷикон аз масъалаҳои муҳимми илмҳои ҷомеашиносии муосир ва хоса, илми филология мебошад.

Бояд гуфт, ки дар даҳсолаҳои охири садаи XX омӯзиши адабиёти гуфторӣ дар илми филологияи тоҷик дастовардҳо ва пешравиҳои назаррас дошт. Далели равшани ин ба нашр расидани натоиҷи таҳқиқоти чандинсолаи фолклоршиносони маъруфи тоҷик Р. Амонов, Д. Обидов, Б. Шермуҳаммадов, Б. Тилавов, Р. Аҳмадов, Р. Раҳмонӣ, Ф. Муродов ва дигарон мебошад. Ин устодон дар баробари ба нашр расонидани намунаҳои фолклори тоҷик, инчунин пажуҳишҳои муҳиму мондагореро дар ин замина ба анҷом расонида, нашр намуданд.

Аммо дар солҳои навадум ва даҳсолаи баъдӣ таҳқиқи адабиёти гуторӣ нисбат ба дигар риштаҳои илми филологияи тоҷик хеле суст гардид. Хушбахтона, имрӯзҳо бо ибтикори профессор Р. Раҳмонӣ, номзадони илми филология Д. Раҳимов, С. Қосимӣ ва дигарон ба масъалаи таҳқиқ ва нашри адабиёти гутории мардум таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардида истодааст, ки он, бешубҳа, дар эҳёи мактаби фолклоршиносии тоҷик бетаъсир нест. Дар ин раванд метавон пажуҳиши бунёдии Саъдии Қосимӣ “Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ” - ро, ки дар шакли диссертатсияи докторӣ пешниҳод шудааст, ба ҳайси иқдоми шоиста дар эҳёи мактаби фолклоршиносии тоҷик арзёбӣ кард. Дар таҳқиқи мазкур сурудҳои халқии тоҷикӣ бори аввал дар шакли нисбатан васеъ аз нигоҳи поэтика ва ҷанбаҳои адабию ҳунарӣ баррасӣ шудааст. Саъдии Қосимӣ дар ин пажуҳиш аҳдофи муайян ва мушаххаси илмию таҳқиқиро пайгирӣ менамояд, ки онҳо муҳаққиқро ба натиҷаҳои арзишманди илмӣ расонидаанд.

Дар муқаддимаи рисола диссертант собиқаи таҳқиқи мавзуъро муфассал тавзеҳ дода, проблемаҳои мавҷудаи самти марбути илмии фолклоршиносии муосирро қайд мекунад. Диссертант дуруст ишора менамояд, ки хасоиси адабию ҳунарии назми гуторӣ то ҳанӯз ба таври лозимӣ омӯхта нашудааст.

С. Қосимӣ дар таҳқиқоти мазкур масъалаҳои марбут ба поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикро аз рӯйи вижагиҳои назми фолклорӣ ба чаҳор қисмат ҷудо намуда, дар фаслҳои алоҳидаи бобҳои диссертатсия мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Бояд гуфт, ки диссертатсияи Саъдии Қосимӣ таҳқиқоти васеъ ва арзишманди сурудҳои халқии тоҷикӣ мебошад. Ба ҳамин хотир, диссертант дар боби аввал масъалаи истилоҳоти илмии марбут ба

сурудҳои халқии тоҷикӣ ва хасоиси жанрии онҳоро баррасӣ менамояд. Вай таваҷҷуҳи аҳли таҳқикро, пеш аз ҳама, ба шинохти илмии истилоҳоти марбут ба сурудҳои халқӣ, аз ҷумла, ба мафҳумҳои "суруд", "тарона", "бадеҳа" ва "даргилик" ҷалб менамояд. Диссертант дуруст таъкид менамояд, ки суруд, воқеан, яке аз жанрҳои маъруф ва серистифодаи фолклор буда, бо анвои хосаш аз дигар жанрҳои назми гуфторӣ фарқ дорад.

Дар боби дуюми диссертатсия масъалаи гирдоварӣ, нашр ва пажуҳиши сурудҳои халқии тоҷикӣ дар ду фасли ҷудогона таҳқиқ мешавад. Муҳаққиқ дуруст таъкид менамояд, ки сурудҳои халқии тоҷикӣ нисбат ба сурудҳои халқҳои дигари кишварҳои ҳамҷавор камтар гирдоварӣ ва нашр гардидаанд. Гузашта аз ин, шеваҳои нашри сурудҳои халқии тоҷикӣ ҳам дар ин бахши диссертатсия муфассал тавзеҳ мешавад.

Масъалаи таснифи сурудҳои халқӣ, сурудҳои маросимҳои мавсимӣ, аз ҷумла, сурудҳои лирикӣ, сурудҳои таърихӣ, сурудҳои ҳаммосӣ, сурудҳои ҳаҷвӣ ва ғайра дар бахшҳои ҷудогонаи боби сеюми диссертатсия баррасӣ мегардад. Вай таъкид менамояд, ки дар оянда бояд ҳар як навъи сурудҳои халқӣ ба таври алоҳида мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирад. Дар ин ҳолат мо метавонем дар бораи анвои сурудҳои халқӣ, мазмуну муҳтаво, ҷанбаҳои адабию бадеии онҳо тасаввуроти комил ҳосил намоем. Ба таври куллӣ, Саъдии Қосимӣ сурудҳои мардумии тоҷикиро аз нигоҳи сохтори бадеӣ, муҳити иҷро ва вазифаи онҳо ба ҳашт гуруҳ ҷудо мекунад, ки ин тақисмбандӣ бар пояи баррасиҳо ва мушоҳидаҳои илмию пажуҳишии диссертант сурат гирифтааст. Вай дуруст таъкид менамояд, ки сурудҳои халқӣ дорои вариантҳои гуногун буда, онҳо бо мусиқӣ иҷро карда мешаванд ва ин мусиқӣ ҳам бояд бо мазмуни суруд иртиботи ногусастанӣ дошта бошад. Аз ин лиҳоз, сурудҳои мардумӣ дар байни халқ умри дароз ва собиқаи тулонии таърихӣ доранд.

Дар боби чаҳоруми диссертатсия масъалаҳои марбут ба сохтори бадеӣ, вариантнокии сурудҳои халқӣ, услуб ва шеваҳои баёну иҷрои онҳо таҳқиқ шудааст. Дуруст таъкид мегардад, ки суруд услуби вижаи худро дорад, ки он асосан, на ба мазмун, балки ба тарзи иҷро ва сароидани он алоқаманд мебошад. Бисёре аз вижагиҳои адабию ҳунарии сурудҳои халқӣ маҳз ҳангоми иҷрои онҳо равшан мегардад.

Бояд гуфт, ки сурудҳои халқии тоҷикӣ маҳсули тафаккури миллӣ ва диди зебоишиносии мардуми манотиқи гуногуни Тоҷикистон ва тоҷикони бурунмарзӣ мебошад ва дар ҳар минтақа ин жанри маъруфи фолклорӣ махсусияти худро дорад. Ин ва дигар фазилатҳои адабию ҳунарии сурудҳои халқӣ дар диссертатсияи мазкур ба таври муфассал таҳқиқ ва баррасӣ гардидааст.

Дар баробари муҳассаноти баёншуда дар пажуҳиши мавриди назар баъзе камбудиҳо низ ба мушоҳида расид, ки зикрашон барои такмили минбаъдаи он аз фоида холӣ нест:

1. Дар муқаддими диссертатсия нуктаҳои асосии ба ҳимоя тавсияшаванда хеле фишурда, бо як ҷумла ифода шудаанд, ки баъзеи онҳо мақсади диссертантро ба пуррагӣ ифода намекунанд.
2. Дар боби сеюми диссертатсия сурудҳои таърихӣ ва ҳамосиро, ки аз нигоҳи мухтаво бо ҳам наздиканд, дар як фасл баррасӣ кардан мумкин буд. Чунки миқдори ин қабил сурудҳо дар фолклори тоҷик зиёд нест.
3. Дар автореферат, зимни баррасии сурудҳои маросимӣ ақаллан як ё ду мисол дар ҳар фаслу бахш оварда мешуд, беҳтар буд.

Камбудиҳои мазкур ислоҳшаванда буда, ҳусн ва арзиши диссертатсияро кам намекунанд.

Забони автореферат низ ҳам дар асл ва ҳам дар қаринаи русӣ соддаю равон, равиши таҳқиқ ва хулосаҳои илмии муаллиф қобили қабул мебошанд.

Диссертатсияи доктории С. Қосимӣ “Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ” дар савияи баланди илмӣ таълиф шуда, ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ шоиста мебошад.

Доктори илми филология,
ректори Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи М. Турсунзода Низомӣ М.З.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Хоразмӣ, 1/7, хонаи 90.
Тел: (+992) 918714350
E-mail: nizomi73@mail.ru

Имзои М.З. Низомиро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ “Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода” Ҳамидова З.Ҳ.

ШУЪБАИ КАДРХО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 73А.
тел: (+992) 37-231-18-27
E-mail: tajartins@yandex.com

„12“ майи 2023